# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар мавзуи «Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2016)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ш.Душанбе, 2026. 186 с.**

**Мубрамии мавзуи диссертатсияи** пешниҳодшуда аз ҷиҳати аҳаммияти илмӣ, таърихӣ ва иҷтимоӣ мубрам арзёбӣ мегардад. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омада, ин равандҳо дар шароити душвори солҳои аввали истиқлол, ҷанги шаҳрвандӣ, барқарорсозии сулҳу субот ва гузариш ба муносибатҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ сурат гирифтаанд. Вале новобаста аз ин, дар як муддати нисбатан кӯтоҳи таърихӣ ҷумҳурии соҳибистиқлол тавонист ба дастовардҳои назарраси иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ноил гардад ва рӯй ба инкишоф ва рушд намояд. Аз ин рӯ, аҳаммияти илмии таҳқиқи мавзуи мазкур, пеш аз ҳама дар он аст, ки оё раванди барқарорсозии хоҷагии халқи ҷумҳурӣ пас аз хисороти ворид намудаи ҳаводиси сиёсии солҳои 90-ум ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, инчунин чораёни дигаргунсозиҳои ҳадафмандонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин марҳалаи муҳимтарини таърихи навини тоҷикон дар адабиёти илмии таърихӣ инъикоси худро пайдо намудаанд. Зеро имрӯз дар илми таърихшиносӣ на танҳо таҳқиқу омӯзиши ҳаводиси таърихӣ мақоми умдаро соҳиб мебошад, балки муайян намудани дараҷа ва сатҳи инъикоси раванди таърихии ин марҳалаи муҳим дар адабиёти илмӣ низ яке аз самтҳои зарурии рушди илми таърихнигории миллӣ маҳсуб меёбад. Дар диссертатсия таъкид шудааст, ки то имрӯз таҳқиқи маҷмуии таърихнигории ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ дар даврони истиқлол ба таври зарурӣ анҷом наёфтааст.

Мубрамии мавзуъ ҳамчунин бо зарурати таҳлили илмии ислоҳоти иқтисодӣ, ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ, дигаргунсозиҳои соҳаи кишоварзӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, рушди маорифу илм, фарҳанг ва робитаи фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ алоқаманд мебошад. Ин масъалаҳо дар сохтори диссертатсия ба таври пайдарпай мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Аз ин рӯ, метавон хулоса намуд, ки интихоби мавзуи мазкур саривақтӣ буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми таърихнигории муосири Тоҷикистон бахшида шудааст. Омӯзиши дараҷаи инъикоси ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва

фарҳангии кишвар дар адабиёти илмӣ барои муайян намудани дастовардҳо, ҷараёни таҳаввулоту дигаргунсозиҳо ва самтҳои минбаъдаи рушди ҷомеаи муосири тоҷик ва, инчунин дараҷаи таҳқиқи таърихнигории онҳо дорои аҳаммияти назарраси илмӣ мебошанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар давоми солҳои 1991-2016, яъне 25 соли замони истиқлол ба таври маҷмуъ мавриди таҳқиқ қарор дода, дараҷаи инъикоси равандҳои асосии рушди кишварро дар адабиёти илмӣ муайян намудааст.

Муаллиф тавассути таҳлили осори илмии таърихӣ ва марҳалаҳои асосии омӯзиши масъала, услуби пажуҳиши муҳаққиқон ва самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти таърихнигориро муайян намуда, ба масъалаҳои рушди иқтисодиёт, кишоварзӣ, соҳаи иҷтимоӣ, маориф, илм ва фарҳанг таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба натиҷаҳои асосии таҳқиқот мувофиқ буда, масъалаҳои инъикоси дигаргуниҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраи истиқлол, раванди ислоҳот ва нақши сулҳу ваҳдати миллӣ дар рушди минбаъдаи ҷомеаро фаро мегиранд.

Дар маҷмуъ, навгонии натиҷаҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда бо мақсаду вазифаҳои диссертатсия мутобиқат дошта, барои рушди минбаъдаи таҳқиқоти таърихнигории Тоҷикистони соҳибистиқлол аҳаммияти илмӣ доранд.

**Дараҷаи илмии эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳо.**

Эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсияро метавон мавриди эътимод арзёбӣ намуд. Муаллиф дар таҳқиқот доираи васеи сарчашмаҳои илмӣ, осори таърихӣ ва маводи дахлдорро истифода намуда, масъалаи таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар асоси таҳлил ва муқоисаи маводи илмии ҷамъовардашуда мавриди омӯзиш қарор додааст.

Натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои пешниҳодшуда ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз таҳлили пайдарпайи адабиёти илмӣ ва муайян намудани сатҳи омӯзиши масъала бармеоянд. Истифодаи усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва таҳлили таърихнигорӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои асоснок мусоидат намудааст. Дар маҷмуъ, натиҷаҳо ва хулосаҳои

диссертатсия дорои пояи илмӣ буда, эътимоднокии онҳо бо мазмуну мундаричаи таҳкикот ва натичаҳои бадастомада таъмин мегардад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаҳои диссертатсия дар асоси натичаҳои таҳкикоти анчомдодашуда таҳия гардида, бо максаду вазифаҳои гузошташуда мутобикати мантикӣ доранд. Муаллиф дар натичаи омӯзиш ва таҳлили мачмуи осори илмӣ, адабиёти таърихӣ ва маводи таърихнигорӣ дарачаи таҳкики ҳаёти иктисодӣ-ичтимоӣ ва фарҳангии Точикистони соҳибистиклолро муайян намуда, натичаҳои асосии таҳкикотро ба таври пайдарпай чамъбаст кардааст.

Асоснокии хулосаҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо на танҳо натичаи тавсифи маводи мавчуда, балки аз таҳлили мукоисавии андешаҳо, мавкеъ ва равишҳои муҳаккикони гуногун бароварда шудаанд. Ин имкон додааст, ки дастовардҳо, хусусиятҳо ва баъзе масъалаҳои то ҳол ба шакли басанда омӯхташудаи таърихнигории давраи истиклол муайян карда шаванд.

Тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф низ аз мазмун ва натичаҳои таҳкикот маншa гирифта, ба такмили минбаъдаи таҳкикоти таърихнигорӣ, чалби бештари сарчашмаҳои илмӣ ва таҳкики масъалаҳои камомӯхташуда равона шудаанд. Аз ин рӯ, онҳо дорои аҳаммияти илмӣ буда, метавонанд дар таҳкикоти минбаъдаи таърихи Точикистони соҳибистиклол мавриди истифода карор гиранд.

Ҳамин тарик, тавсияҳои пешниҳодшуда дорои самти муайяни илмӣ буда, барои такмили таҳкикоти таърихнигории давраи истиклол ва равшан намудани масъалаҳои ҳанӯз ба таври зарурӣ омӯхтанашуда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд. Хусусияти пешниҳодҳо нишон медиҳад, ки муаллиф на танҳо натичаҳои таҳкикотро чамъбаст намудааст, балки самтҳои минбаъдаи омӯзиши масъалаи мавриди назарро низ муайян кардааст. Аз ин рӯ, хулоса ва тавсияҳои диссертатсия дар мачмуъ кобили кабул буда, истифодаи онҳо дар пажуҳишҳои минбаъдаи таърихнигорӣ судманд арзёбӣ мегардад.

**Ҳачм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз мукаддима, се боб, ҳафт зербоб хулоса ва рӯйхати адабиёту интишороти довталаб иборат аст. Сохтори диссертатсия мантикӣ буда, ба максаду вазифаҳои таҳкикот мувофикат мекунад ва муҳтавои он ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ чавобгӯ мебошад. Ҳачми умумии диссертатсия аз 180 саҳифаи чопи компютерӣ ва зиёда аз 309 номгӯйи адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзӯи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқот, навгонҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия ба **«Инъикоси раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ дар таърихнигории ватанӣ»** бахшида шуда,муаллиф ба таҳлили осори илмӣ оид ба ислоҳоти иқтисодӣ ва тағйирёбии муносибатҳои истеҳсолӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир намудааст. Дар доираи ин боб масъалаҳои рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла саноат, кишоварзӣ, соҳибкорӣ, энергетика, низоми бонкӣ ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ аз нигоҳи таърихнигорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, нақши созмонҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар рушди иқтисодии ҷумҳурӣ ва дараҷаи инъикоси фаъолияти онҳо дар адабиёти илмӣ таҳлил ёфтаанд.

Зербоби якум ба **«Таҳқиқи раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ дар асарҳои таърихӣ» бахшида шудааст.** Муаллиф диссертатсия, таҳқиқоти таърихнигорон ва дигар сарчашмаҳои марбут ба тағйироти иқтисодии давраи мавриди омӯзишро мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор медиҳад. Дар ин замина, равандҳои гузариш аз низоми иқтисодии қаблӣ ба муносибатҳои нави иқтисодӣ, хусусиятҳо ва марҳалаҳои асосии ислоҳоти иқтисодӣ таҳлил гардидаанд. Муаллиф ба саҳми муҳаққиқони ватанӣ дар омӯзиши масъалаҳои ислоҳоти иқтисодӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, мавқеъ ва дараҷаи таҳқиқи мавзуъро муайян кардааст. Дар маҷмуъ, мазмуни зербоб барои дарки заминаҳои таърихӣ ва илмии ташаккули муносибатҳои нави иқтисодӣ аҳаммияти назаррас дорад.

Дар зербоби дуюми боби аввал - **«Мақоми созмонҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар рушди иқтисодии ҷумҳурӣ ва инъикоси он дар асарҳои илмӣ»,** бевосита нақши созмонҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар раванди ташаккул ва рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф бо такя ба асарҳои илмӣ ва маводи таҳқиқотӣ самтҳои асосии ҳамкории Тоҷикистонро бо созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ, рушди инфрасохтор ва дастгирии барномаҳои иҷтимоию иқтисодӣ нишон медиҳад. Дар баробари ин, таъсири кӯмаки молиявию техникии созмонҳои байналмилалӣ ба татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои нави иқтисодӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Муаллиф инчунин дараҷаи инъикоси фаъолияти созмонҳои байналмилалиро дар таърихнигории ватанӣ таҳлил намуда, саҳми муҳаққиқонро дар омӯзиши ин масъала муайян мекунад. Дар маҷмуъ, таҳлили мазкур имкон медиҳад, ки

аҳаммияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар раванди рушди иқтисодии ҷумҳурӣ ва нақши онҳо дар гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ ба таври илмӣ арзёбӣ карда шавад.

Боби дуюми диссертатсия – **«Бозтоби ислоҳоти аграрӣ ва раванди муҳоҷирати меҳнатӣ дар асарҳои илмии таърихӣ»** ба таҳлили яке аз самтҳои муҳимми дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодии давраи истиқлол дар деҳоти тоҷик бахшида шудааст. Дар ин боб раванди ислоҳоти аграрӣ, тағйироти сохторӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва ташаккули шаклҳои нави муносибатҳои истеҳсолӣ дар заминаи асарҳои илмии таърихӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, омилҳои асосии пайдоиш ва густариши муҳоҷирати меҳнатӣ, таъсири он ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ ва инъикоси ин раванд дар таҳқиқоти таърихӣ таҳлил гардидаанд.

Муаллиф тавассути баррасии осори илмӣ дараҷаи омӯзиши масъалаҳои ислоҳоти аграрӣ ва муҳоҷирати меҳнатиро муайян намуда, ҷанбаҳои муҳим ва натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашударо ҷамъбаст менамояд. Дар маҷмуъ, муҳтавои зербоб барои дарки хусусиятҳои дигаргунсозиҳои аграрӣ ва таъсири равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ аҳаммияти илмӣ дорад.

Дар зербоби якуми ин боб **«Ислоҳоти аграрӣ ва инъикоси он дар асарҳои муҳаққиқон»** муаллиф доираи таҳқиқоти илмии марбут ба дигаргунсозии соҳаи аграриро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар асоси омӯзиши осори таърихнигорон ва муҳаққиқони соҳа, самтҳои асосии пажӯҳиши сиёсати аграрӣ, тағйироти хоҷагидорӣ ва дигаргуниҳои ҳаёти деҳот муайян карда шудаанд. Муаллиф ба таҳлили мавқеи муҳаққиқон дар арзёбии натиҷаҳои ислоҳоти кишоварзӣ ва таъсири он ба рушди истеҳсолоти аграрӣ тавачҷуҳ зоҳир намуда, вижагиҳои равишҳои илмии мавҷударо нишон медиҳад. Ҳамчунин, масъалаҳои баҳсталаб ва ҷанбаҳои нисбатан камомӯхтаи мавзуъ муайян гардида, зарурати таҳқиқи минбаъдаи онҳо асоснок карда мешавад. Дар маҷмуъ, мазмуни зербоб тасаввури мукаммалро оид ба сатҳи омӯзиши таърихнигории ислоҳоти аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меорад.

Дар зербоби дуюм **«Омӯзиши заминаҳо ва раванди муҳоҷирати аҳолӣ дар асарҳои таърихӣ»** муаллиф масъалаи муҳоҷирати аҳолии Тоҷикистонро дар заминаи таҳаввулоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисоии давраи шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор додааст. Дар он шаклҳои асосии муҳоҷират, аз ҷумла муҳоҷирати иҷборӣ, дохилӣ ва меҳнатии хориҷӣ, инчунин сабабу омилҳои ташаккул ва густариши онҳо баррасӣ шудаанд. Муаллиф бо такя ба асарҳои муҳаққиқони ватанӣ, махсусан таҳқиқоти Р.

Абулҳаев ва Н. Ҳотамов, раванди бозгашти гурезаҳо, сиёсати давлат дар самти ҳалли масъалаҳои муҳоҷират ва таъсири муҳоҷирати меҳнатиро ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар таҳлил менамоянд. Ҳамзамон, марҳалаҳои асосии муҳоҷирати дохилӣ ва хусусиятҳои он дар давраи истиқлол муайян гардидаанд. Дар маҷмуъ, таҳлил нишон медиҳад, ки масъалаи муҳоҷират дар таърихнигории тоҷик мавқеи умда дошта, ҷанбаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва демографии он дар асарҳои илмӣ ба таври нисбатан васеъ инъикос ёфтаанд.

Боби сеюм ба **«Таҳқиқи дастовардҳои илму маориф ва фарҳанги Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таърихнигории миллӣ»** бахшида шуда, масъалаҳои рушди соҳаҳои илму маориф ва фарҳангро дар давраи соҳибистиқлолӣ фаро мегирад. Муаллиф тавассути таҳлили асарҳои илмӣ ва таҳқиқоти таърихнигорон равандҳои асосии ташаккул ва рушди низоми маориф, пешрафти илми миллӣ ва дигаргуниҳои соҳаи фарҳангро мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар боб инчунин дастовардҳои муҳим, тағйироти сифатӣ ва нақши сиёсати давлатӣ дар рушди соҳаҳои мазкур инъикос гардидаанд. Таваҷҷуҳи махсус ба арзёбии дараҷаи таҳқиқи масъалаҳои илму маориф ва фарҳанг дар таърихнигории миллӣ зоҳир шуда, ҷанбаҳои муҳим ва самтҳои минбаъдаи омӯзиши онҳо муайян карда шудаанд. Дар маҷмуъ, мазмуни боб нақши илму маориф ва фарҳангро дар таҳкими пояҳои иҷтимоӣ ва маънавии давлати соҳибистиқлол ба таври илмӣ инъикос менамояд.

**Дар зербоби якум «Бозтоби рушди маориф ва илми ҷумҳурии соҳибистиқлол дар асарҳои таърихӣ»** муаллиф таҳаввулоти низоми маориф ва самтҳои асосии рушди илми миллиро дар давраи истиқлолият мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор додааст. Дар асоси осори илмӣ тағйироти сохторӣ дар соҳаи маориф, рушди муассисаҳои таълимӣ, такмили заминаи қонунгузорӣ ва болоравии нақши таҳсилоти олӣ дар омодасозии кадрҳои миллӣ баррасӣ шудаанд. Ҳамзамон, дастовардҳои илми тоҷик, фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва саҳми олимон дар рушди соҳаҳои гуногуни илм дар таҳқиқоти таърихӣ арзёбӣ гардидаанд. Диссертант дараҷаи инъикоси масъалаҳои мазкурро дар таърихнигории миллӣ муқоиса намуда, самтҳои асосии омӯзиш ва масъалаҳои нисбатан камтаҳқиқшударо муайян менамояд. Зербоби мазкур барои дарки нақши маориф ва илм дар ташаккули иқтидори зеҳнӣ ва рушди устувори ҷомеаи соҳибистиқлол аҳаммияти назаррас дорад.

Дар зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия **«Дастовардҳои фарҳангии ҷумҳурӣ ва инъикоси онҳо дар таърихнигории миллӣ»** унвонҷӯ таҳаввулоти ҳаёти фарҳангии Тоҷикистонро дар шароити гузариш ба низоми нави сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор додааст. Дар ин

замина, паёмадҳои бухрони сиёсӣ ва иқтисодӣ, инчунин ҷанги шаҳрвандӣ ба фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ ва зарурати барқарорсозии инфрасохтори соҳа нишон дода шуда, раванди ташаккули заминаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсати давлатии фарҳангӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф тавассути таҳлили осори таърихӣ ва фарҳангшиносӣ дастовардҳои давраи истиқлолро дар самти рушди санъат, фолклор, мардумшиносӣ ва ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ муайян менамояд. Ҳамзамон, тадбирҳои давлатӣ оид ба эҳё ва ҳифзи арзишҳои миллӣ, рушди муассисаҳои фарҳангӣ ва муаррифии мероси моддию маънавии тоҷикон дар сатҳи байналмилалӣ инъикос ёфтаанд. Дар маҷмуъ, таҳлили таърихнигории муаллиф нишон медиҳад, ки фарҳанги миллӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ на танҳо ҳамчун соҳаи иҷтимоӣ, балки ҳамчун омили муҳимми таҳкими худшиносии миллӣ ва ҳифзи ҳувияти фарҳангии ҷомеа рушд кардааст.

Дар зербоби сеюми боби сеюм **«Инъикоси равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар таҳқиқоти илмӣ»** муаллиф масъалаи ташаккул ва рушди робитаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давраи соҳибистиқлолӣ дар заминаи осори илмӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Дар ин замина, самтҳои асосии ҳамкориҳои фарҳангӣ, илмӣ-таҳсилотӣ ва омодасозии кадрҳо бо кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дигар давлатҳо, баррасӣ гардидаанд. Муаллиф ҳамзамон хусусиятҳои рушди ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистонро дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ муайян намуда, дараҷаи инъикоси онҳоро дар таърихнигории миллӣ арзёбӣ кардааст. Таҳлили осори илмӣ нишон медиҳад, ки масъалаи мазкур аз ҷониби муҳаққиқон аз мавқеъҳои гуногун таҳқиқ гардида, ҷанбаҳои таълимӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва байналмилалии ҳамкориҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин, муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки дараҷаи омӯзиши робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои гуногун яксон набуда, баъзе самтҳои ҳамкории фарҳангӣ ҳанӯз ба таҳқиқоти амиқтар ва муқоисавӣ ниёз доранд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқот**. Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф сатҳи омӯзиши таърихнигории равандҳои муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлолро таҳлил намуда, дастовардҳо ва баъзе масъалаҳои камомӯхтаи онро муайян кардааст. Натиҷаҳои таҳқиқот барои такмили донишҳои илмӣ оид ба таърихнигории муосири Тоҷикистон ва муайян намудани самтҳои минбаъдаи пажӯҳиши он заминаи муайян фароҳам меоранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои он метавонанд ҳангоми таҳияи корҳои илмӣ, таълифи асарҳои таърихӣ, китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ, инчунин дар раванди таълими фанҳои таърихи халқи тоҷик ва

таърихнигорӣ истифода шаванд. Маводи таҳқиқот барои муҳаққиқон, омӯзгорон ва донишҷӯён ҳамчун манбаи ёрирасони илмӣ аҳаммият дорад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Довталаби дараҷаи илмӣ дар доираи мавзуи диссертатсия 6 мақола дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар сатҳи конференсияҳо ба нашр расонидааст, ки пурра ба талаботи сарҳати аввали банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯй мебошад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия мутобиқ ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мутобиқат менамояд.

Бо вуҷуди арзёбии мусбати натиҷаҳои таҳқиқот ва аҳаммияти илмии он, дар раванди омӯзиши диссертатсия баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳ ва такмили онҳо метавонанд ба боз ҳам мукаммал гардидани муҳтавои рисола ва тақвияти арзиши илмии он мусоидат намоянд:

1. Дар баъзе мавридҳо таҳлили осори илмӣ бештар хусусияти тавсифӣ дошта, муқоисаи мавқеъ ва диди муҳаққиқони гуногун нисбатан маҳдуд ба назар мерасад. Ба назари мо, таҳлили муқоисавии васеътар метавонист арзёбии таърихнигории масъалаҳои мавриди таҳқиқро боз ҳам амиқтар намояд.

2. Дар баррасии баъзе масъалаҳои диссертатсия робитаи байни равандҳои таҳқиқшуда ва натиҷаҳои иҷтимоию иқтисодии онҳо на ҳамеша бо далелҳои мушаххас пурра нишон дода шудааст. Ба назар мерасад, ки истифодаи бештари маълумоти муқоисавӣ ва оморӣ метавонист хулосаҳои муаллифро боз ҳам асоснок намояд.

3. Фарогирии адабиёти илмӣ дар маҷмуъ қобили қабул буда, дар баробари ин, истифодаи осори баъзе муҳаққиқони хориҷӣ ва таҳқиқоти муқоисавии марбут ба таҷрибаи дигар кишварҳо метавонист заминаи муқоисавии таҳқиқотро васеътар созад.

4. Хулосаҳои таҳқиқот дар маҷмуъ ба натиҷаҳои бадастомада мувофиқат мекунанд, вале дар баъзе мавридҳо робитаи мустақими онҳо бо натиҷаҳои асосии ҳар як боб метавонад мушаххастар ифода ёбад. Тақвияти ин робита ба мантиқан мукаммалтар гардидани сохтори ҷамъбастии диссертатсия мусоидат хоҳад кард.

Нуктаҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ ва машваратӣ дошта, ба арзиши умумии илмӣ, навгонӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса, диссертатсияи Муҳаммадсафои Исматуллои Саъдуллозода дар мавзуи «Таърихнигории ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2016)» барои дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ як таҳқиқоти мукаммал, мустақил ва хотимаёфтаи илмӣ-таърихӣ мебошад, ки дар он масъалаи муҳимми таърихи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар муддати 25 соли истиқлол ҳалли худро ёфтааст. Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. Таърих ва бостоншиносӣ, 6.1.5. Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои таърих, профессори**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"** **Набизода**
**Ваҳоб Машраб**

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Б.Мавлонбеков 1,
МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"
Тел.: (+992) 92-803-00-01
E-mail: v.m.nabiev@mail.ru

Имзои Набизода В.М. - ро тасдиқ мекунам:
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси МДТ**
**"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"** **Сайдуллозода З.С.**
08.09.2026